Ҷумҳурии Тоҷикистон

# РАИСИ ВИЛОЯТИ СУҒД

# ҚАРОР

аз «15» 10 соли 2019 №423 ш.Хуҷанд

Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии
аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020

Мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2019, №1356 «Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» Қ А Р О Р  М Е К У Н А М:

1. Дар вилояти Суғд барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар давраи аз 1 то 15 октябри соли 2020 гузаронида шавад.

2. Сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят барои дар сатҳи баланд ташкил ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил чораҳои зарурӣ андешанд.

3. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба мақомоти маҳаллии омор дар гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ҳамаҷониба мусоидат намоянд.

4. Назорати иҷрои қарор ба зиммаи муовини Раиси вилоят Анвар Яъқубӣ гузошта шавад.

Раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода